**МАЪРӮЗА**
**«ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 ВА ВАЗИФАҲО ТО ОХИРИ СОЛИ 2021»**

Бо рӯҳбаландии бошукуҳи Наврӯзи байналмилалӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қувваю нерӯи тоза Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаю нақшаҳои иқтисодию иҷтимоиро сармашқи кори худ қарор дода, дар семоҳаи якуми соли 2021 ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2021», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020 - ум №705, тасдиқ карда шудааст ва вазифаҳои дар назди мақомот дар семоҳаи якуми соли 2021 гузошташударо пурра иҷро намуд.

Дар маҷмӯъ дар семоҳаи якуми соли 2021 – 2894 кори оморӣ ба анҷом расонида шуд, аз ҷумла, 623 кор ба омори саноат ва сармоягузорӣ дар сохтмон, 576 кор ба омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, 156 кор ба омори молия, 136 кор ба омори бақайдгирии нархҳо ва тарифҳо, 364 кор ба омори таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, 354 кор ба омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ, 404 кор ба омори захираҳои моддӣ, савдо ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва 281 кор ба омори нақлиёт, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ тааллуқ дорад, ки аз иҷрои пурраи барномаи корҳои оморӣ шаҳодат медиҳад.

Мукотиботи Агентии омор аз рӯи ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2021 нишон дод, ки дар ин давра аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳо, идораю муассисаҳо, ташкилотҳо, мақомотҳои омори маҳаллӣ ба нишонии Агентӣ ва почтаи электронӣ маводҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва номаҳо дар маҷмӯъ 721 адад ворид шудааст. Аз теъдоди умумии ҳуҷҷатҳои воридгардида 129 амру фармонҳо, қарорҳо, дастуру супоришҳо, нусха аз протоколи ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву чорабиниҳо, инчунин 1 қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 306 мактуб аз вазорату идораҳо, 73 мактуб аз мақомоти маҳаллии омор, 141 мактуб ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ, 26 лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва 45 муроҷиати шаҳрвандон бо тарзи хаттӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, саривақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд. Ҳамзамон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва дигар истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ 942 адад гузоришҳои ҳармоҳа оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, маҷмӯаҳои омории соҳавӣ ва бюллетенҳо фиристонида шуданд.

Дар давоми семоҳаи якуми соли 2021 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва муроҷиати хаттии шаҳрвандон 267 адад ҷавобҳои хаттӣ ирсол карда шуд.

Ғайр аз ин, тибқи Барномаи корҳои оморӣ дар семоҳаи якуми соли 2021 таҳқиқотҳои омории интихобии "Бозорҳои фурӯши чорво ва автомобил, нуктаҳои фурӯши сӯзишвории мошин ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дорухонаҳо" аз рӯи ҳамаи шаклҳои моликият, таҳқиқоти "нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозорҳо", таҳқиқоти "буҷети хоҷагии хонавода", таҳқиқоти интихобии "хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ" ва баҳисобгирии сартосарии саршумори чорво гузаронида шуд.

Ҳамин тавр дар давраи сипаришуда, 60 бюллетени оморӣ, 12 маълумот, 12 иттилооти таъҷилӣ ва 17 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Агентии омор ҷиҳати иҷрои супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон №171186(22-6) аз 30 ноябри соли 2019 оид ба ҷараёни иҷрои Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 рафти иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар солҳои 2016-2020, гузориши муфассал бо ҷадвали

нишондиҳандаҳо барои солҳои 2016-2020 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Дар семоҳаи аввали соли 2021 гузоришҳои иқтисодӣ ва иттилоот «Дар бораи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар сатҳи минтақаҳо», «Дар бораи коркарди нерӯи барқ дар НОБ-ҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тарози спирти этилӣ ва маҳсулоти шаробу арақ», «Дар бораи истеҳсоли либоси мактабӣ», «Дар бораи коркарди пахтаи хом ва истеҳсоли нахи пахта», «Дар бораи фаъолияти корхонаҳои пудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иҷроиши корҳои геологӣ», «Дар бораи заминҳои кишт, ҷамъоварии ҳосил ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2020», «Дар бораи баҳисобгирии саршумори чорво дар ҳама ҳамаи категорияҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021», «Оид ба вазъи соҳаи чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020», «Оиди ҳолатҳои фавқулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020», «Дар бораи фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020», «Оид ба шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар аввали соли хониши 2020/2021»-ро дар мӯҳлатҳои муайянгардида таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маълумотнома пешниҳод гардид.

Дар доираи ҳамкориҳои Агентии омор бо Хазинаи Байналмилалии Асъор рӯзҳои 25-29 январи соли 2021 ташрифи маҷозии мушовири Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба кӯмаки техникии ҳисобҳои миллӣ гузаронида шуд. Дар вохӯрӣ усули ҳисоби нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодиёт, ММД-и семоҳа ва таъсири COVID-19 ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ ва нақшаи ҳамкорӣ барои солҳои оянда муҳокима гардид. Инчунин тавсифи пурраи рушди нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодиёт ва намудҳои фаъолият барои соли 2020 ба мушовир пешниҳод карда шуд.

Рӯзҳои аз 29 март то 2-юми апрели соли 2021 аз тарафи Хазинаи Байналмилалии Асъор дар доираи Маркази навтаъсиси рушди малакаи ХБА барои давлатҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон вебинари онлайни дар мавзӯи «Таъсири COVID 19 ба ташаккули нишондиҳандаҳои ҳисобҳои миллӣ» гузаронида шуд. Мушовирони ХБА оид ба тавсияҳои ташаккули ҳисоби нишондиҳандаҳои ҳисобҳои миллӣ ҳангоми COVID 19, нақшаҳоиояндаи кумаки Маркази навтаъсиси ХБА маълумот пешниҳод намуданд.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №7465 (25-5) аз 9 ноябри соли 2020 ва фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №15 аз 12 марти соли 2021, санаҳои 9-13 марти соли ҷорӣ дастурдиҳии омӯзишӣ ва аз 15 то 29 марти соли 2021 корҳои саҳроии таҳқиқот оид ба муайянсозии шахсони имконияташон маҳдуд, ки ба воситаҳои мушаххаси мададрасон барои беҳтар кардани сифати зиндагиашон ниёд доранд, гузаронида шуд.

Ҷиҳати расидани ба ҳадафи 4-уми Стратегии кишвар ва бо мақсади такмили низоми миллии омор барои инъикоси дурусти истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади кам намудани сарборӣ ба ҳисоботсупорандагони истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ инвентаризатсияи шаклҳои ҳисоботӣ гузаронида шуд, ки дар заминаи шаклҳои ҳисоботи омории №4 ТН "Ҳисобот дар бораи воридшавӣ ва истифодабарии пешниҳодҳои ихтироъот ва беҳсозӣ", №4-ТН (номгӯй) "Ҳисобот дар бораи истифодаи иншоотҳои саноатӣ ва молу мулк", №18 - ИТ (илмӣ- техникӣ) "Ҳисобот дар бораи хароҷот ва истифодабарии комёбиҳои илмӣ-техникӣ ва ҳам босамарии иқтисодӣ онҳо", №12 ТН "Ҳисобот дар бораи нишондодҳои асосии пешрафти техникӣ" ҳисоботи нав шакли №1-инноватсия "Ҳисобот дар бораи фаъолияти инноватсияи корхона" таҳия ва барои тасдиқ ба баррасии ҳайати Шӯрои методологии Агентӣ пешниҳод гардид.

Илова ба ин бо мақсади гузариш ба ҳисоботи электронӣ ҳисоботи солонаи шакли БИ "Балансы иқтидор" низ дар ҳамкорӣ бо раёсати барномасозии МД "МКҲ" ҷамъоварии маълумотҳои ҳисоботи мазкурро бо услуи электронӣ роҳандозӣ намуда айни замон ҷамъбасти ҳисоботи мазкур дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Инчунин дар моҳи марти соли ҷорӣ ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба муҳокимаи баҳисобгирии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо ба инобат гирифтани истеҳсоли толлингӣ баҳисобгирии ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД гузаронида шуд.

Илова ба ин, тибқи Меморандуми ба имзо расида байни Агентии омор ва Лоиҳаи Eu4 Energy дар давоми соли ҳисоботӣ 2- маротиба семинари машваратӣ ба тариқи онлайн гузаронида шуда, таҳияи маълумотҳои соҳаи энергетика ва таҳияи тавозуни энергетикӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд. Инчунин маълумотҳои оморӣ оид ба соҳаи энергетика барои соли 2020-ум тибқи саволномаҳои муқарраршуда таҳия ва ба Агентии байналмилалии энергетикӣ пешниҳод карда шуданд.

Бо мақсади амалӣ намудани "Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №570 тасдиқ шудааст, нақшаи кории Агентии омор оид ба такмили низоми ҷамъоварии маълумоти расмии соҳаи ҳунармандӣ таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки давоми солҳои 2021-2023 таҳқиқоти омории соҳаи ҳунармандӣ гузаронида мешавад ва дар асоси он феҳристи ҳунармандон тартиб дода мешавад.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №579, мутобиқи «Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ» Низомномаҳои воҳидҳои сохтории Агентии омор бо фармоиши Директори Агентии омор аз 14 январи соли 2021 №17-к аз нав таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Гузариш ба ҳисоботи электронии оморӣ тақозои замон буда, давоми солҳои 2017-2020 – 35 шакли ҳисоботи омории моҳона, семоҳа ва солона ва дар семоҳаи якуми соли 2021 - 5 шакли ҳисоботӣ дар семоҳаи якуми соли 2021 шакли 1-хизмат (маишӣ) ва маишӣ (шабака)(солона), шакли 1-асъор (семоҳа), шакли 1-санҷиш (семоҳа), шакли БИ тарози (баланси) иқтидор (солона) ва шакли 1-савдо шабака (солона) ба тариқи ҷамъоварию коркарди электронӣ ба роҳ монда шуд. Айни замон 40 шакли ҳисоботҳои омории моҳона, семоҳа ва солонаи соҳавӣ аз ҷумла ҳисоботҳо оид ба меҳнат ва ҳаракати қувваи корӣ, иҷтимоӣ, ҳисоботҳои соҳаҳои саноат, савдо ва хизматрасонӣ, захира ва таъминот, сохтмон, нақлиёт, молия, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва актуаликунонии варақаи регистри оморӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуданд ва дар самти пешниҳоди ҳисоботи электронии дигар соҳаҳо низ иҷрои корҳо идома доранд.

Барои ташаккули омори расмӣ мақомоти омори давлатӣ ҳамасола омода намудани нусхаи коғазӣ ва электронии 169 шакли ҳисоботӣ ва варақаҳои таҳқиқотро (бе дар назар доштани ҷадвалҳои коркард) ба ҳисоботсупорандагон пешниҳод менамояд. Аз ин ҳисоб ба ҳолати 1 апрели соли 2021-ум 40 варақаи шакли ҳисобот барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (дар суроғаи http://portal.stat.tj), 1 ҳисоботи хоҷагии деҳқонӣ (дар суроғаи http://agrosurvey.stat.tj) ва 12 саволномаи (модули) таҳқиқоти буҷети хонавода бо истифодаи планшет (дар барномаи CsPro) ба усули электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла шаклҳои ҳисоботии омории соҳаи музди меҳнат (3 ҳисобот), саноат (5 ҳисобот), сохтмон (3 ҳисобот), хизматрасонӣ (6 ҳисобот), савдо (6 ҳисобот), таъминоти моддӣ-техникӣ (2 ҳисобот), фаъолияти истеҳсолӣ (2 ҳисобот), молия (5 ҳисобот), кишоварзӣ (5 ҳисобот), нақлиёт (1 ҳисобот), иҷтимоӣ (1 ҳисобот) ва регистри корхонаҳо (1 ҳисобот) бо усули электронӣ роҳандозӣ карда шудаанд. Ҳамин тариқ фарогирӣ ба ҳисоботи электронӣ дар маҷмуъ ба 23,7 фоиз расонида шуд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба гузариш ба ҳисоботи электронӣ ҳамасола шумораи нашри шаклҳои омории коғазӣ кам гардида, нашри шаклҳо омории қоғазӣ дар маҷмӯъ 48,6 фоиз дар соли 2021 коҳиш ёфтааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 14-и Протоколи машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 декабри соли 2020, №1к/30-5, оиди ташкил намудани китобхона дар Дастгоҳи марказии Агентии омор чораҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Дар заминаи бойгонии маҷмӯаҳои омории соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳамасола аз тарафи раёсатҳои соҳавии мақомоти омор таҳия шуда, дар раёсати табъу нашри таъҷилии Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» ба нашр баровarda мешаванд, китобхонаи дохилиидоравии Агентии омор таъсис дода шуд.

Тибқи супориши роҳбарият барои муҳайё намудани адабиёти бадеӣ аз тарафи ҳар як корманди мақомоти омор китобҳои бадеӣ дастрас карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ дар китобхонаи Агентии омор зиёда аз 170 адад китобҳои бадеӣ, илмӣ ва соҳавии олимону шоирону нависандагони классикӣ ва муосири тоҷик ва инчунин зиёда аз

150 адад китобҳои бадеии шоирону нависандагони Иттиҳоди шӯравӣ, зиёда аз 3500 адад маҷмӯаҳои омори соҳавӣ ҷамъ оварда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки аз китобҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз он ҷумла «Уфуқҳои истиқлол», «Забони миллат-ҳастии миллат», «Роғун – кафолати зиндагии шоиста», «Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад», «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва ғайраҳо низ дар мадди аввал мебошанд.

Ташрифи кормандон ба китобхона дар «Китоби бақайдгирии ташрифомадагон» ва «Китоби бақайдгирии аъзоёни китобхона» сабт мегарданд.

Нақша чорабинӣ оиди ба тақвият ва ба танзим даровардани китобхонаи идоравӣ тартиб дода шуда, таҷҳизонидани китобхона бо рафҳои иловагии китобмонӣ, иловатан харидорӣ ва таъмин намудани адабиётҳои бадеӣ, илмӣ ва соҳавии шоирону нависандагони классикӣ ва муосири тоҷик, беҳтар намудани шароити фароҳам овардани китобхонӣ барои кормандон дар нимсолаи якуми соли 2021 ба нақша гирифта шудааст.

Ҷиҳати баланд бардоштани шууру тафаккури зеҳнии кормандон ва ҷалби онҳо ба мутолиаи китобҳои бадеӣ ва шеърхонӣ, бо фармоиши Директори Агентӣ Нақша – чорабинӣ оиди гузаронидани маҳфилҳои адабии китобхонӣ байни кормандони Агентӣ тасдиқ шуда, мавриди иҷроиш қарор дода мешавад. Маҳфилҳои адабии китобхонӣ бо ҷалбу иштироки кормандони Дастгоҳи марказии Агентӣ ва МД «МКҲ» дар як моҳ ду маротиба баъд аз нимаи дуюми ҳар моҳ баргузор карда мешаванд. Тибқи нақша-чорабинӣ то имрӯз 5 маротиба маҳфили китобхонӣ байни кормандон гузаронида шуда, оиди гузаронидани маҳфилҳо протокол тартиб дода шудаанд. Кормандони мақомоти омори давлатӣ, махсусан ҷавонон, ба китобхонӣ завқи зиёде дошта, мунтазам ба китобхона ташриф оварда, дар баргузории маҳфилҳои китобхонӣ ҷалб карда мешаванд.

Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки Агентии омор ҷиҳати дар амал татбиқ намудани «Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №585 аз 27 ноябри соли 2019 тасдиқ гардидааст, ҷиҳати гузариши пурра ба ҳисоботҳои электронӣ, ба ин васила кам кардани сарборӣ ба субъектҳои оморӣ ва коҳиш додани таъсири омили инсонӣ, ки ба татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барнома ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” равона шудааст, пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №585 “Дар бораи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-марти соли 2021 як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Бо мақсади ҷалби маблағҳои шарикони рушд ҷиҳати амалишавии чорабиниҳои марҳилаи аввали Стратегия барои солҳои 2019-2023 дар семоҳаи якуми соли 2021 бо намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи кӯдакони СММ, Хазинаи нуфуси СММ, Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, СММ Занон вохӯриҳои маҷозӣ гузарониданд.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳои марбут ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор, дар доираи Лоиҳаи якҷояи шӯъбаи омори Созмони Миллали Муттаҳид ва Агентии омор “Мониторинги Ҳадафҳои Рушди Устувор дар Тоҷикистон” , ки аз тарафи Департамент оид ба рушди байналмилалии Британияи Кабир (СОООН-DFID) маблағгузорӣ карда мешавад, лоиҳаи Стратегияи омода кардани маълумотҳо ва метамаълумотҳои Ҳадафҳои рушди устувор ва Стратегияи милли рушд барои давраи то соли 2030 омода карда шуд. Ҳамзамон дар доираи лоиҳаи мазкур вазъи глобалии нишондиҳандаҳои ҲРУ, мутобиқгардонии метамаълумотҳои глобалӣ ба миллӣ, тартиби ҷамъоварии маълумотҳои ҲРУ тариқи платформаи миллӣ, таҳия ва ба Барномаи рушди СММ пешниҳод карда шуд.

Дар доираи лоиҳаи мазкур ҳамчунин лоиҳаи Стратегияи Агентии омор дар бораи ҳамкории мутақобила бо истифодабарандагони маълумотҳои ҲРУ омода ва дар доираи гуруҳи кории байниидоравӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон лоиҳаи платформаи миллии Ҳадафҳои Рушди Устувор ҷиҳати беҳтар намудани ҷамъоварӣ ва

паҳнкунии маълумотҳои ҲРУ ва нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 омода гардида, ба Барномаи рушди СММ ҷиҳати таҳия пешниҳод карда шуд. Тибқи Нақша то охири семоҳаи дуюми соли 2021 Платформаи миллии Ҳадафҳои рушди устувор мавриди истифода ва корбарӣ қарор дода мешавад.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои мутақобила бо шарики асосии Агентии омор бо мутахассисони Бонки умумиҷаҳонӣ мунтазам вохуриҳои маҷозӣ вобаста ба таҳияи лоиҳаи грантии «Навкунии низоми омори миллӣ» бо арзиши 10 млн.доллари ИМА, анҷом медиҳад.

Дар семоҳаи якуми соли 2021, дар асоси талаботи Бонки умумиҷаҳонӣ лоиҳаи Нақшаи ҳамкориҳои мутақобила бо ҷонибҳои манфиатдор, Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ ва якҷо бо тартиби бартарафкунии партовҳои электронӣ ва равиши ба танзимдарории муносибатҳои меҳнатиро таҳия намуда мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Бонки умумиҷаҳонӣ лоиҳаи ҳуҷҷатҳои мазкур якҷо бо ҷонибҳои манфиатдор мавриди баррасӣ қарор дода шуда, баъди ҷамъбасти хулосаи ҷонибҳо тафсири ниҳоии он якҷо бо дигар ҳуҷҷатҳои лоиҳа барои баррасӣ ба Шӯрои Директорони Бонк манзур гардид. Бо ҳамин мақсад санаи 16 марти соли 2021 мизи мудаввар бо иштироки ҳайати роҳбарикунандаи Агентии омор бо вазорату идораҳои дахлдор, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо мақсади муҳокимаи якҷоя бо ҷонибҳои манфиатдор тариқи маҷозӣ ва ҳамчунин ширкати бевоситаи як қатор вазорату идораҳо баргузор гардид. Дар мизи мудаввари мазкур лоиҳаи ҳуҷҷатҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва варианти ниҳоии ҳуҷҷатҳо баъди мувофиқа дар сомонаи Агентӣ www.stat.tj ҷой дода шуд.

Ҳамчунин санаҳои аз 29 март то 2 апрели соли 2021 миссияи маҷозии Бонки Ҷаҳонӣ ҷиҳати баррасии Лоиҳаи Шарҳи Ҳуҷҷатҳои (PAD) лоиҳаи “Навкунии низоми омори миллӣ” баргузор гардид, ки роҳбарияти Агентии омор, сардорони раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентии омор ва МД МКҲ-и Агентии омор дар баррасии ҳуҷҷати мазкур фаъолона иштирок намуда, варианти ниҳоӣ омода ва ба Шӯрои Директорони Бонки Ҷаҳонӣ ирсол карда шуд.

Дар доираи ҳамкориҳои муштараки Агентии омор бо Хазинаи кудакони СММ (ЮНИСЕФ), ҷиҳати амалӣ гардидани чорабиниҳои стратегия вобаста ба низоми электронӣ гузаронидани китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳои ҷамоатҳои деҳот давоми соли 2020 - 50 ҷамоатҳои деҳоти минтақаи 6 шаҳру ноҳияи кишвар (Кулоб, Шуғнон, Б.Ғафуров, Рашт, Нуробод ва Роғун) бо компютерҳо ва барномаи коркарди китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо таъмин гардиданд.

Ҳамзамон дар доираи ҳамкориҳои муштараки Агентии омор бо Хазинаи кудакони СММ (ЮНИСЕФ), ҷиҳати амалӣ гардидани чорабиниҳои марҳилаи аввали СМРО барои солҳои 2019-2023 вобаста ба низоми электронӣ гузаронидани китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳои ҷамоатҳои деҳот дар семоҳаи якуми соли 2021 ба 50 ҷамоатҳои деҳоти ноҳияҳои Айнӣ, Ҷаббор Расулов, Рӯшон, Файзобод, Ҷалолиддин Балхӣ, Дангара ва шаҳри Ваҳдат бо компютерҳо (ноутбукҳо) таъмин карда шуданд. Айни замон тибқи дастгирии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) аллакай дар 100 ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳои кишвар барои гузаштан ба низоми электронии китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳои хонаводаҳо заминаи мусоид фароҳам гардидааст. То охири нимсолаи якуми соли 2021 бо дастгирии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) корҳои насбкунии барномаи коркард ва омӯзиши кормандони ҷамоатҳои деҳот анҷом дода мешаванд.

Ҳамчунин дар нақша ҳаст, ки дар доираи ҳамкорӣ бо Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) то соли 2023 ҳамаи ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак пурра бо компютерҳо ва барномаи электронии коркарди китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо пурра таъмин карда мешаванд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки дар Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №585 аз 27 ноябри соли 2019 гузаронидани таҳқиқот оид ба сайёҳӣ дар солҳои 2020-2022 барои ҳисобҳои ёрирасони (саттелитӣ) сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дастгирии шарикони рушд ҷиҳати чорабинии мазкур бисёр зарур мебошад.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи саривақтии Стратегияи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсус инчунин ҷалби шарикони рушд ба Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби №2/33 аз 7 феврали соли 2020 бо мақсади таҳияи лоиҳаи сармоягузории грантӣ бо дастгирии шарики асосӣ Бонки Ҷаҳонӣ ирсол гардида буд, ки ҷиҳати анҷом додани корҳои омодагӣ ба Лоиҳаи “Навкунии низоми омори миллӣ” лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси лоиҳаи созишномаи Гранти №TF0B4665 Гранти ECAPDEV барои омода намудани Лоиҳаи навкунии низоми миллии омор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро омода гардидааст, ки баъди тасдиқ шудан маблағи 350,0 ҳазор доллари ИМА барои Агентии омор ҷудо карда мешавад.

Дар давраи сипаришуда иҷроиши корҳои оморӣ оиди нархи молу маҳсулот тибқи нақша амалӣ шуданд.

Нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ғайриозуқа ва хизматрасонӣ ҳар моҳ аз тарафи мақомотҳои омори вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дастрас карда шуда, мавриди коркард қарор гирифта, нархи миёнаи ҳар як намуди маҳсулот дар сатҳи ҷумҳурӣ ва индекси маҳсулотҳои озуқаворӣ, ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонӣ ҳисоб карда шуда, ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод гардидааст.

Мунтазам ҳар моҳ нархи миёнаи молу маҳсулотҳо ба таври электронӣ пур карда шуда дар сомонаи расмии мақомоти омор бо се забон ҷойгир карда мешавад, ки ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ бе ягон монеа аз маводи мазкур истифода мебаранд.

Ҳамзамон ҳар ҳафта маълумотнома оиди нархҳои маҳсулотҳои асосӣ (зиёда аз 25 намуди маҳсулот) дар миқёси шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат (дар 22 шаҳру ноҳия) таҳия ва ба доираи муайяни истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад. Ин маълумотҳо низ мунтазам дар сомонаи расмии Агентӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар самти ҳамкориҳои байнидавлатии оморӣ дар семоҳаи якуми соли 2021 корҳо бо Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ идома пайдо карда ҳамаи маълумотҳои дахлдори моҳона ва семоҳа оиди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ саривақт пешниҳод гардиданд.

Инчунин ба Кумитаи омори ИДМ тибқи «Тавсияҳои методологӣ оиди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолии гармонизатсияшуда дар асоси таҷрибаи мақомоти миллии давлатҳои аъзои ИДМ» дар асоси вазнҳои мавҷуда барои ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ барои соли 2020 вазнҳои нав ҳисоб ва ирсол карда шуданд.

Ҳамзамон ҳар моҳ барои омодасозии шарҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии индекси нархҳои истеъмолӣ «таваррум дар бахши истеъмолӣ», аз мақомоти омори давлатҳои ИДМ, аз ҷумла аз мақомоти омори Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия оиди сатҳи таваррум маълумот дастрас карда мешавад ва маълумот оиди сатҳи таваррум дар Тоҷикистон низ ба онҳо ирсол мегардад.

Дар моҳҳои январ-марти соли ҷорӣ бақайдгирии нархи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар доираи иҷроиши корҳои Барномаи муқоисакуниҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, ки дар доираи ин кор аз ҷониби мутахассисони Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ ҷадвалҳои электронӣ таҳия ва барои воридкунии маълумотҳо пешниҳод шуд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои босифати бандҳои дахлдори қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018, №510 “Дар бораи ҷашн гирифтани 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар соли сипаригардидаи 2020–ум тибқи маблағҳои аз ҷониби буҷети давлатӣ ҷудогардида, корҳои сохтмониро дар иншооти ҷашнии бинои мақомоти омори шаҳри Турсунзода ба маблағи 531 ҳазору 80 сомонӣ ба анҷом расонид.

Бояд қайд намуд, ки барои пурра ба истифода додани бинои мазкур барои буҷети соли 2021 маблағҳои лозима пешбинӣ карда шудааст, ки дар доираи маблағҳои пешбинишуда корҳои фарши хуҷраҳои корӣ ва сераните даромадгоҳи ошёнаҳои якум ва дуюми бино ба нақша гирифта шудааст.

Лозим ба қайд аст, ки айни замон дар тавозуни Агентӣ се иншооти сохтмонаш нотамом ба маблағи умумии 5469,64 ҳазор сомонӣ вуҷуд дорад ва бо дарназардошти ҷудо

гардидани маблағҳои молиявии соли 2021 идомаи корҳои сохтмонӣ дар иншоотҳои нотамоми мақомоти омори маҳаллӣ амалӣ гардида, дар мухлатҳои пешбинигардида сохта ва ба истифода дода мешаванд.

Чи тавре ба ҳамагон маълум аст Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, №14, супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2021, “22/10-641(5) ва аз 15 январи соли 2021, №30/10-10, вобаста ба иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, аз 30 сентябри соли 2019, № 1356”, ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз 1 то 15 октябри соли 2020 барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили ҷумҳуриро гузаронид.

Дар асоси нақшаи тақвимии корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили марҳилаи соли 2020, мақомоти омори ҷумҳурӣ корҳои ҷобаҷогузории маводҳои коғазии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо усули анъанавиро то 1 январи соли 2021 ба анҷом расонида, ба корҳои коркарди маводҳо оғоз намуданд.

Барои коркарди маводҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил 3 маркази коркарди муҷаҳҳаз бо сервер, дастрасӣ ба интернет ва компютеру ноутбук: дар Сарраёсатҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (дар шаҳри Хуҷанд барои шаҳру ноҳияҳои вилоят), вилояти Хатлон (дар шаҳри Бохтар барои шаҳру ноҳияҳои вилоят) ва шаҳри Душанбе (барои шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ), ташкил карда шуд. Корҳои коркарди маводҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил пас аз омӯзонидани кормандони муваққатии ба кор ҷалбшуда дар ҳамаи марказҳои коркард идома доранд.

Тибқи нақша натиҷаҳои пешакии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар нимсолаи якуми соли 2021 (пас аз муайян шудани шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи омори ҷорӣ, барои муқоиса) ҷамъбаст карда шуда, пас аз мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи протоколи ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, №14, банди 7, расман нашр карда хоҳанд шуд.

Натиҷаҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ бо дар назар доштани коркарди сканерии маводҳои он шурӯъ аз семоҳаи чоруми соли 2021 ва солҳои 2022-2023 ба даст оварда мешаванд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш ба харҷ медиҳад, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда, барои дар сатҳи баланд ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 аз рӯи зиёда аз 124 нишондиҳанда чораҳои мушаххас андешида, аз натиҷаҳои корҳои ба сомон расонида шуда ахбороти фосилавӣ манзур менамояд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи «Равзанаи ягона» то 01 апрели соли 2021 дар миқёси ҷумҳурӣ 339294 адад субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 2,9 фоиз зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, соҳибкорони инфиродӣ фаъолияткунанда 307982 адад дар миқёси ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба 01.04 с.2020, 3,2 фоиз зиёд гардидааст.

аз ин соҳибкорони инфиродӣ:

- Патент 106604 нафар, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 0,7 фоиз зиёд гардидааст;
- Шаҳодатнома 38147 нафар, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 7,4 фоиз зиёд гардидааст;
- Хоҷагиҳои деҳқонӣ 163231 адад, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 3,9 фоиз зиёд гардидааст;

Инчунин, аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, то 01 апрели соли 2021 шахсони ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ 30940 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 - 0,7 фоиз зиёд шудааст.

То 01 апрели соли 2021, 372 адад филиал намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум 1,1 фоиз кам шудааст.

Дар давоми се моҳи соли 2021 дар дастгоҳи марказии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 маротиба озмун бо иштироки 26 нафар довталаб барои ишғоли 17 ҷойи холии мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд, дар натиҷа 12 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлат дар дастгоҳи марказӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъин карда шуданд. Инчунин аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд, ки дар он 36 нафар хизматчиёни давлатии маъмурӣ, аз ҷумла 24 нафар аз дастгоҳи марказӣ ва 12 нафар аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба аттестатсия фаро гирифта шуданд. Дар натиҷаи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ 36 нафар ба мансабҳои ишғолнамудаашон мувофиқ ҳисобида шуданд. Дар дастгоҳи марказии Агентӣ аз рӯйи басти вазифаҳо 78 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 4 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 74 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 40 нафар зан (46%), 34 нафар мард(54%), 42 (56%) нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб аз 21 мансаби роҳбарикунанда 6 нафар зан (28,5%) дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд.

Дар Сарраёсати Агентии омори ВМКБ аз рӯйи басти вазифаҳо 36 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 2 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 34 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 12 нафар зан (33%), 22 нафар мард(61%), 9 (26%) нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб аз 12 мансаби роҳбарикунанда 1 нафар зан (8,3%) дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд. Сарраёсат дар семоҳаи аввали соли 2021 як мартиба озмун баргузор намуда, дар натиҷаи озмун як нафар ба мансаби категорияи шашуми хизмати давлатӣ таъин карда шуд. Дар мақомоти омори ВМКБ 12 нафар дар самти корҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва 16 нафари дигар дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ фаъолият карда истодаанд.

Дар давоми се моҳи соли 2021 дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 1 маротиба озмун бо иштироки 7 нафар довталаб барои ишғоли 4 ҷойи холии мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд, дар натиҷа 3 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд. Дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Суғд аз рӯйи басти вазифаҳо 145 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 4 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 141 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 86 нафар зан (60,9%), 55 нафар мард (39%), 68 (48,2%) нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб аз 39 мансаби роҳбарикунанда 18 нафар зан (46,1%) дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд. Дар мақомоти омори вилояти Суғд 30 нафар дар самти корҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва 26 нафари дигар дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ фаъолият карда истодаанд.

Дар семоҳаи аввали соли 2021 дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 1 маротиба озмун бо иштироки 7 нафар довталаб барои ишғоли 4 ҷойи холии мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд, дар натиҷа 3 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд. Инчунин 1 маротиба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида шуд, ки ба он 26 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуданд. Дар натиҷаи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ 25 нафар ба мансабҳои ишғолнамудаашон мувофиқ ҳисобида шуда, 1 нафар ба аттестатсияи такрорӣ мононда шуд. Дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон аз рӯйи басти вазифаҳо 166 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 6 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 161 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 33 нафар зан (20,6%), 127 нафар мард (79,3%), 82 (51,2%) нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб аз 34 мансаби роҳбарикунанда 6 нафар зан (17,6%) дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд. Дар мақомоти омори вилояти Хатлон 37 нафар дар самти корҳои

барӯйхатгирии аҳолӣ ва 33 нафари дигар дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ фаъолият карда истодаанд.

Дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар семоҳаи аввали соли 2021 1 маротиба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида шуд, ки 22 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуданд. Дар натиҷаи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ 18 нафар ба мансабҳои ишғолнамудаашон мувофиқ ҳисобида шуда, 4 нафар ба аттестатсияи такрорӣ мононда шуд. Дар Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе аз рӯйи басти вазифаҳо 53 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 1 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 52 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 28 нафар зан (53,8%), 24 нафар мард (46%), 22 (42%) нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб аз 15 мансаби роҳбарикунанда 4 нафар зан (26,6%) дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд. Дар мақомоти омори шаҳри Душанбе 8 нафар дар самти корҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва 13 нафари дигар дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ фаъолият карда истодаанд.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи умумии кормандон аз рӯи басти вазифаҳо 49 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 4-тоаш ҷойи холӣ буда, айни замон 45 нафар хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолият доранд. Дар мақомоти омори мҳаллии шаҳру ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ дар маҷмуъ 20 нафар корҳои барӯйхатгирии аҳолиро пеш мебаранд. Ҳамзамон 50 нафар дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар соҳаи омор фаъолият доранд.

Дар мухлати сипаришуда дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳалӣ аз 527 ҷойи корӣ, ки тибқи басти вазифаҳо тасдиқ гардидааст, 506 нафар хизматчии давлатӣ кору фаъолият карда истодаанд. Аз онҳо 146 нафарашон мансабҳои роҳбарикунанда мебошанд. Дар дастгоҳи марказии Агентӣ 4 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 4 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 6 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе 1 ҷойи холӣ, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 4 ҷойи холӣ дар маҷмуъ ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар мақомоти омор 21 ҷойи холӣ мавҷуд аст.

Ба ҳолати 8 апрели соли 2021 ҳисоботи шакли 1–ХД (Хизматчии давлатӣ) барои семоҳаи якуми соли 2021 ҷамъбаст гардида, ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шуд.

Дар мухлати сипаришуда ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" назорати қатъӣ бурда мешавад ва бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ҳар моҳ ба ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол карда мешавад.

Агентии омор оиди баргузории озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ эълон додааст, ки он дар саҳифаи рӯзномаи "Ҷумҳурият", сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонда, охири моҳи апрел нақшаи баргузории озмунро дорад. Бо мақсади тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, одоби муоширaт, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар руҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон дар назди Агентӣ муддати 3 сол шуд, ки дастаи воллейболбозон аз ҳисоби занон ва ҷавонон ташкил гардидааст, ки ин даста ҳамарӯза дар толори варзишии худи Агентӣ тамрин менамояд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани супоришҳои протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи сирояти коронавируси COVID-19 дар мақомоти омори давлатӣ ҳамаруза ва мунтазам корҳои заруриро анҷом медиҳад.

Дар Агентӣ фармоиши Директори Агентӣ оиди ситоди дохилиидоравӣ ва нақшаи чорабиниҳо барои пешгирӣ аз коронавирус (COVID-19) аз 20 марти соли 2020 ва Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба пешгирӣ аз коронавирус (COVID-19) дар мақомоти омори давлатӣ амал мекунад, аз тарафи Ситоди дохилиидоравӣ мунтазам, ҷиҳати амалӣ намудани Нақша-чорабинии мазкур ҳамаруза оиди корҳои анҷомдодашуда назорат бурда мешавад.

Нақша-чорабинии мазкур ба мақомоти омори маҳаллӣ низ дастрас карда шуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои он назорат бурда мешавад.

Дар муҳлати сипаришуда мақомоти омори давлатӣ дар асоси Шартномаи №65 аз 02.01.2020с, ки бо Стансияи шаҳрии дезинфексияи профилактикии Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ба имзо расонидааст, мунтазам корҳои тамизгардонӣ (дезинфекция)-и утоқҳои корӣ, мизу ҷевонҳои корӣ, даҳлезу роҳравҳо, лифтҳо ва тамоми ошёнаҳоро бо маводҳои антисептикӣ (безараргардонӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ) анҷом медиҳад.

Дар муҳлати сипаришуда дар давоми ҳар ду ҳафта корҳои тамизгардонӣ (дезинфекция)-и тамоми бино, аз ҷумла, утоқҳои корӣ, даҳлезу роҳравҳо бо маводҳои антисептикӣ (безараргардонӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ) гузаронида шудааст. Инчунин 5 адад дастгоҳи беҳдошти саломатӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ дар даромадгоҳ ва ошёнаҳои дастгоҳи маркази Агентӣ насб карда шудааст, то кормандон ва шаҳрвандон ҳангоми ворид шудан ба Агентӣ аз маҳлулҳои безараргардонӣ истифода намоянд. Инчунин дастгоҳи безараргардонии ҳуҷҷатҳои воридотӣ дастрас карда шуда, истифода мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз корҳои иҷрошуда, дар фаъолияти мақомоти омор, ҳанӯз ҳам камбудиву мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз рӯи натиҷаи таҳлили фаъолияти кории мақомоти омор дар сатҳи минтақаҳо бори дигар маълум мегардад, ки барои таъмини сифати маълумоти оморӣ, аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоботи аввалия, ки аз сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот бармеояд, зоҳир карда шавад.

Санҷиши муътамаднокии ҳисоботи оморӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти омори давлатӣ мебошад.

Дар семоҳаи якуми соли 2021 аз ҷониби мақомоти маҳаллии омор, тибқи талаботи моддаи 515 кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 280 нафар шахсони мансабдори корхонаю ташкилотҳо ва шахсони масъули ҳисоботсупорандагони оморӣ ба маблағи 110 ҳазору 372 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шудааст, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 95 ҳазору 666 сомонӣ ворид шудааст, ки 95,3 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти маҳалии омор бояд чораҳо андешанд, ки ҷаримаи бастaшуда дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба буҷаи давлатӣ пардохт карда шаванд. Дар сурати пардохт нашудани маблағҳои ҷаримаи таъиннамуда ба мақомоти салоҳиятдори маҳалҳояшон муроҷиат намуда, дар ин самт ҳамкории зичро ба роҳ монанд.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба иҷрои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021, вазорату идораҳо ва ҳамчунин мақомоти омор вазифадор шудаанд, ки ҷиҳати гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва навкунии низоми омори миллӣ вобаста ба такмили механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ тариқи гузариш ба ҳисоботи электронӣ чораҳои мушаххас андешида мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки солҳои 2019-2021 - ум солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ эълон карда шуд ва ҳамчунин аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи 4-уми Стратегияи Миллии Рушд саноатикунонӣ қабул гардидан ва эълони солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» дар назди мақомоти омори мамлакат мақсад ва вазифаҳои навро ҷиҳати фарогирии навгониҳо дар самти рушди саноатикунонии кишвар, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мегузорад.

Лозим ба қайд аст, ки ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” ба тасвиб расидааст, ки Агентии омор вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро саривақт

омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

**Бо мақсади иҷрои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2021, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 ироа гардида ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баҳисобгирии оморӣ Агентии омор, Муассисаи давлатии "Маркази кулли ҳисоббарорӣ"-и Агентӣ ва мақомоти маҳаллии омор вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ масъалаҳои дар боло зикргардидаро сариваќт мавриди амал қарор диҳанд.**

Иҷрои дастуру супориш ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар соли 2021 дар назди мақомоти омор иҷрои чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. Иҷрои ҳатмии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барномаи корҳои оморӣ дар соли 2021", №705 аз 31.12.2020;
2. Таъмини иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Марҳила ба марҳила ба роҳ мондани коркард ва ба нашр омода намудани натиҷаҳои пешакии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020,
4. Ҷалби шарикони рушд барои татбиқи сарвақтии Стратегияи миллии рушди омор Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва иҷрои нақшаи чорабиниҳои татбиқи он барои солҳои 2019-2023;
5. Иҷрои сарвақтии бандҳои дахлдори Нақша чорабиниҳои такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2014, №614 тасдиқ шудааст;
6. Иҷрои ҳатмии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №291 аз 31 майи соли 2018 «Дар бораи таъмин намудани мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ барои солҳои 2018-2022» бо мақомотҳои иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати ба китобҳои электронии баҳисобгирии хоҷагиҳо гузаштан;
7. Иҷрои босифати қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омода намудани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2021/2022"
8. Вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо, иҷрои чорабиниҳои марҳилаи аввали Стратегияи миллии рушди омор барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2023, зина ба зина, ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0);
9. Якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ, омодагӣ ба гузариш ба стандартҳои такмилдодашудаи паҳнкунии иттилоот;
10. Гузаронидани санҷиши эътимоднокии маълумоти оморӣ аз рӯи таъмини ҳуҷҷатгузориҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ;
11. Вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
12. Беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ ва мукамалсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ;

13. Мустаҳкам намудани вазъи интизоми иҷро ва таҳлили иҷрои босифати дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
14. Мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ;
15. Таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.